## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-113-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи “Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи илмии Раҳмонзода Наргис Раҳмон ба яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ-методӣ бахшида шудааст, ки он таҳияи методикаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва низоми самарабахши кор оид ба ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон, инчунин истифодаи усулҳои фаъол ва технологияҳои инноватсионии таълимро дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бар мегирад. Мубрамияти таҳқиқи мавзӯи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим муайян намудани мушкилоти азхудкунии воҳидҳои луғавӣ аз ҷониби хонандагон, такмили малакаҳо ва рушди нутқи онҳо, инчунин таҳияи амсилаи самарабахши ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар раванди омӯзиши калима ва таъбирҳо аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ дошта, барои такмили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар диссертатсияи Раҳмонзода Наргис Раҳмон мавқеи меҳварӣ дошта, дар саросари рисола ҳамчун самти асосии таҳқиқ ба таври пайгирона мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмӣ, педагогӣ ва методӣ, таҷрибаи пешқадами омӯзгорон ва мушоҳидаи бевоситаи раванди таълим асосҳои илмӣ-методии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон ва низоми самарабахши корро дар ин самт муайян намудааст. Дар рисола роҳҳо, шаклҳо ва воситаҳои татбиқи усулҳои фаъол ва технологияҳои инноватсионии таълим дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод гардида, имкониятҳои онҳо ҷиҳати рушди нутқ, такмили малакаҳои муошират ва баланд бардоштани фаъолнокии таълимии хонандагон нишон дода шудаанд.

Арзиши илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаи ташаккули салоҳияти иртиботиро дар раванди омӯзиши калима ва таъбирҳо аз мавқеи талаботи муосири таҳсилот мавриди таҳлил қарор дода, барои ҳалли он пешниҳодҳои назариявӣ ва амалии асоснок ироа намудааст. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили мазмун ва методикаи таълими забони тоҷикӣ, таҳияи маводи таълимию методӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат намоянд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 - 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дарсҳои забони тоҷикӣ барои таҳияи методикаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва низоми самарабахши кор оид ба ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон имкониятҳои фарох ва заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Аз ин рӯ, метавон, пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодшударо метавон дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои миёнаи умумӣ метавон истифода бурд.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсионии Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи "Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо" ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ, ҳамчунин, ба Феҳристи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 мутобиқат мекунад.

Диссертант Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар рисолаи хеш коркарди ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо бо такя ба маводи назариявӣ-методӣ, натиҷаҳои озмоишҳои педагогии дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои миёнаи умумӣ гузаронидашуда ва андешаҳои илмии худ таҳия ва пешниҳод намудааст, ки аз ҷумлаи дастовардҳои муҳими диссертатсия ба шумор меравад.

Аз ин нуктаи назар, мавзуи рисолаи Раҳмонзода Наргис Раҳмон мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ низ шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, таълиф шудааст. Ва ин кори диссертатсионӣ дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 6 апрели соли 2026, №9).

Дар хулосаи ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматарафа дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 мақола нашр шудааст.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34 - Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки

бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудааст, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Инчунин, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим шаҳодат медиҳад.

Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи “Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи “Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи “Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳимоя кабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Негматов Садуллоҷон Эргашевич** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Ғаниева Бунафша Ҷумабоевна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва социологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифатӣ муассисаи пешбар

**- Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессор** **Шербоев Саидбой**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмхои филологӣ,**
**профессор** **Солеҳов Мирзо Одинаевич**

**доктори илмхои филологӣ,**
**профессор** **Ҳомидзода Дилмурод Ражаб**

*Имзоҳои С. Шербоев, М.О. Солеҳов ва Д.Р.Хомидзода– ро тасдиқ мекунам*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодиҳонзода Э.Ш.**

**“_29_” _06_ соли 2026**